## ТАҚРИЗ

**ба рисолаи диссертатсионии унвончӯйи кафедраи таърихи халқи тоҷики Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав" Мирзоев Ғолибшо Шарифович дар мавзуи «Фаъолияти "Биступанҷҳазориён" ва бригадаҳои сарпараст дар Тоҷикистон (солҳои 1929-1941)"**

Бояд қайд кард, ки дар таърихи сохтмони сотсиалистӣ дар Тоҷикистон ҷои намоёнро "биступанҷҳазориён" ва бригадаҳои сарпараст - гурӯҳҳои пешрафтаи синфи коргари Русия ишғол мекунанд. Ҳизби Коммунистии Иттиҳоди Шӯравӣ ва Ҳукумати Шӯравӣ аз вазифаҳои бартараф намудани қафомонии иқтисодӣ ва тараққиёти пуравҷи тамоми хоҷагии халқи ҷумҳурӣ баромада, барои тезондани тараққиёти колхозҳо ва тараққӣ додани обёрӣ ва заминкушоӣ дар Тоҷикистон чораҳои зарурӣ андешиданд.

Омӯзиш ва пажӯҳиши масъалаҳои марбут ба фаъолияти биступанҷҳазориён ва бригадаҳои сарпараст, ки дар адабиёти илмӣ инъикос ёфтаанд, бо мушкилоти саноаткунонӣ, тағйироти кишоварзӣ ва тарбияи кадрҳои миллии Тоҷикистон алоқамандии зич доранд. Дар ҷумҳурии мо ин ихтиёриён кори самаранокро барои расонидани кӯмаки бародарона ба тоҷикон дар шароити душвортарини давраи гузариш оғоз карданд.

Аҳамияти илмии диссертатсия дар он аст, ки сарчашмаҳои бешумор ва натиҷаҳои таҳқиқоти бунёдии муаллифони ватаниву хориҷӣ ба гардиши илмӣ ворид карда шудаанд, инчунин рисолаи мазкур дар асоси омӯзиш ва таҳлили маводи бойгониҳои ҳизбӣ ва давлатии ҷумҳурӣ, дастовардҳои таърихнигорӣ ва ёддоштҳои иштирокчиёни сохтмони колхозӣ дар Тоҷикистон анҷом дода шудааст.

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки маводи гуногунмазмуни таҳлилӣ, хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳое, ки дар он оварда шудаанд, то андозае масъалаҳои таърихи "биступанҷҳазориён" ва бригадаҳои сарпарастро инъикос менамоянд.

Муҳимтарин дастовардҳои илмӣ-таҳқиқоти унвонҷӯ Мирзоев Ғ.Ш. дар ин рисола ҷамъбасти хулосавии ҳар як зерфасли он мебошад, ки ҷолиб ва мавриди таъкиди махсус аст. Ин ҷиҳати нигориши он аз ҷустуҷӯйҳои илмӣ, мустақилияти фикрӣ ва навоварию навгӯии муаллиф дарак медиҳад.

Дар охир муаллиф ба чунин хулоса меояд, ки фаъолияти "биступанҷҳазориён" ва бригадаҳои сарпараст дар Тоҷикистон мусбӣ ба шумор рафта, маълумоти дар диссертатсия овардашуда барои равшан намудани бисёр масоили номаълум ва баҳсталаби ин давра нақши арзандаи илмӣ мебозад. Арзишмандии ин мавзуъ дар он зоҳир мегардад, ки маълумотҳои дар он инъикосгардида мушоҳидаҳои бевоситаи иштирокчиёни ин давраи таърихӣ мебошанд.

Бояд қайд намуд, ки кори илмӣ анҷомёфта ба шумор рафта, муаллиф ба натиҷаҳои равшани илмӣ даст ёфтааст ва рисолаи илмии Мирзоев Ғолибшо Шарифович дар мавзуи «Фаъолияти "биступанҷҳазориён" ва бригадаҳои сарпараст дар Тоҷикистон (солҳои 1929-1941)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 –таърихи ватанӣ пешниҳод шудааст, аз руйи ҳамаи меъёрҳо ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ буда ва муаллифи он Мирзоев Ғ.Ш., барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.02– таърихи ватанӣ сазовор мебошад.

Сардори кафедраи
Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯии
Факултети №4 Академияи ВКД
Ҷумҳурии Тоҷикистон номзади илмҳои таърих.,
полковники милитсия Юсуфзода А.Ю.

Имзои Юсуфзода А.Ю.-ро
Тасдиқ менамоям
Сардори ШК КҲШ факултети №4
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ,
полковники милитсия Олимзода А.А.

24.01.2023